# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Дар солҳои соҳибистиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми маорифи мамлакат таъғиротҳои назаррас ба вуқӯъ омад, ки бевосита тамоми соҳаҳои низоми тахсилотро, аз он ҷумла, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирифта вазифаю муносибатҳои навро талаб менамояд. Бинобар ин, раванди фаъолияти маърифатии хонандагон дар шароити тағйирёбии низоми маориф таҷдиди назари моҳият ва мундариҷаи фаъолияти маърифатии хонандагонро тақозо мекунад, ки бешубҳа, ҷустуҷӯи илмӣ-педагогӣ ва дарёфти шаклҳои нави ин фаъолиятро тақозо менамояд.

Максади асосии фаъолияти маърифатии хонандагон ба вуҷуд овардани имкониятҳои воқеии истифодаи шаклу методҳои таълимие, ки иқтидори донишазхудкунии хонандагонро баланд бардошта бо назардошти мазмуну муҳтавои фанҳои таълимии мактаб қобилияту маҳорати ҳар як хонандаро тибқи талаботи муосири таҳсилот ташаккул диҳад.

Фаъолияти маърифатӣ барои рушди умумии мактаббача ва ташаккули шахсияти ӯ омили муҳим маҳсуб ёфта, дар ин раванд ҷузъҳои асосии тафаккур ва шуури хонанда инкишоф меёбанд. Дар ин асос, аз нуктаи назари мо, интихоби мавзӯъи мазкур барои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Дадобоева Муслима Бахтиёровна ба аҳамияти муҳими илмӣ молик буда, ба муаммои ҳалталаби илми педагогикаи муосир маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)» аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар мукаддимаи диссертатсия аз ҷониби довталаб ба таври кофӣ сатҳ ва дараҷаи таҳқиқи илмии мавзӯъ, муҳимияти таҳкику баррасии муаммои мавзӯи назар, ҳадаф, предмет ва объекти таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва марҳалаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои мехварии барои дифоъ манзуршаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии муҳақиқ дар тадқиқот ба таври возеҳу равшан шарҳу тафсир ёфтаанд.

Аз тарафи диссертант Дадобоева М.Б. дар боби аввали рисола, ки “Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим” номгузорӣ шудааст, масъалаҳои: моҳияти мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дар илмҳои педагогика ва психология; хусусиятҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ ба таҳқиқи ҷиддии илмӣ фаро гирифташуда хулосабарорӣ карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар тадқиқи ин масъалаҳои муҳими назариявӣ муаллифи диссертатсия маҷмӯи зарурии методҳои тадқиқотиро мақсаднок ва самаранок истифода намудааст, ки онҳо чунинанд - *методҳои назариявӣ*: таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таҳсилот барои асоснок намудани мубрамии муаммо ва муайян кардани имконияти ҳуқуқии ҳалли он; таҳлили таърихӣ-педагогӣ барои тарҳрезӣ ва баррасии таърихи муаммо; таҳлили назариявӣ - методологӣ барои ифода намудани матлабҳои ибтидоии таҳқиқот; таҳлили мафҳумӣ-истилоҳӣ барои

тавсифи доираи мафҳумҳои таҳқиқот; - *методҳои эмпирӣ*: таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи самаранок ва амалияи оммавии баландбардории фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; озмоиши муқарраркунанда оид ба баҳодиҳии фаъолгардии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; озмоиши ташаккулдиҳанда оид ба татбиқи амалии шаклҳо, методу воситаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ва шартҳои амалкарди самараноки он; мушоҳида, анкетагирӣ, тестгирӣ, худбаҳодиҳӣ, экспертиза; методҳои квалиметрии баҳодиҳии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; методҳои оморин коркарди маълумот.

Ҷолиби қайд аст, ки муаллиф хеле муйшикофона ва дақиқкорона моҳияти мафҳумҳои асосии тадқиқотро ба монанди "фаъолияти маърифатӣ", "фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ"ро ба таври боэътимод ва илман асоснок дар боби аввали рисола шарҳу эзоҳ додааст. Муаллифи рисола дар асоси омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии мавзӯи таҳқиқшаванда, хусусиятҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ баррасӣ намуда, хулоса ва пешниҳодҳои арзишманди илмиро манзур намудааст.

Ба таври умум, дар ин фасли таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси омӯзиш ва таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ҳамчун муаммои

ҳалталаб ва мубрами илмҳои психологию педагогии муосир ошкор карда шаванд.

Ҳамчун дастоварди навини илмӣ ҳамин нуктаро қайд кардан зарур аст, ки дар рисола тавсияҳои самараноки илмӣ оиди баланд бардоштани фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ коркард шудааст.

Дар боби дуюми рисола "Технологияи педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ" масъалаҳои методҳо, шаклҳо ва воситаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; самарабахшии технология оид ба ҷорӣ намудани амсила ва санҷиши шартҳои педагогии самтгирии аксиологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ ва арзёбии натиҷаҳои он таҳқиқ карда шуда, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таҳлилу баҳрабардорӣ карда шудааст.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда, муаллифи рисола ба чунин навгониҳои илмӣ дастрас шудааст: - мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундариҷа пурра гардидаанд; - амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ коркард шудааст; - гурӯҳҳои асосии тарзу воситаҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ муқаррар гардидаанд;
- шартҳои педагогие асоснок шудаанд, ки ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мусоидат мекунанд; - имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар

раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти Дадобоева М.Б. аз он иборат аст, ки дар таҳқиқот моҳияти фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ дақиқ гардида, асосҳои назариявии он ошкор шуданд, ҳамбастагии байни фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ва инкишофи соҳаи арзишӣ-ангезишии шахсияти мактаббача муқаррар гардид, ки ҳамаи ин барои тасаввуроти назариявии васеътар оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ замина фароҳам овард; маҷмӯи мувофиқи шартҳои педагогие пешниҳод ва асоснок шудаанд, ки самаранокии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ таъмин менамоянд, ки дар рушди назария ва методикаи таълими фанҳои биологӣ дар мактаб мусоидат менамоянд.

**Эродҳо оид ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1. Дар рисола теъдоди зиёди адабиётҳои илмӣ оиди масъалаи таҳқиқшаванда омӯхта ва таҳлил шудаанд, аммо аз нигоҳи мо таҳқиқотҳои олимони кишвар дар диссертатсия оиди мавзӯи таҳқиқшаванда нисбатан камтар таҳлил гардидаанд.

2. Дар рисола муаллиф доир ба самаранокии шароитҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ, ки бо кадом меъерҳо баҳогузорӣ кардааст маълумоти муфассал медоданд самаранокии рисола боз ҳам меафзуд.

3. Диссертант метавонад мушкилиҳоеро,ки дар самти раванди баландшавии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ вуҷуд доштанд возеҳтар нишон диҳанд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳрирy тасҳеҳ ниёзманд аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ягонагии дохилиро доро буда, методҳое, ки дар раванди таҳқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, онро метавон минбаъд дар таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти омӯзиш мавриди истифода қарор дод.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи мазкур, ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои гузоштааш ноил гардидааст. Нукта ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз диди илмӣ навгонӣ эътироф карда шуда, метавонад аз тарафи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври васеъ дар амалияи педагогӣ самаранок истифода бурда шаванд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия:**

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 мақола, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия, хулосаи он ва автореферат дарҷ гардидаанд.

Автореферат пурра муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад ва дар он натиҷаҳои асоси, ки дар бобҳо, зерфаслҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботҳои Низомномаи  КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни  соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Дадобоева Муслима Бахтиёровна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори Маркази омӯзиши "Мактаби
давлатдории Эмомалӣ Раҳмон" -  и Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдаҳмадзода Дилором

**Суроға**: 734025, ш.Душанбе, к.Саид Носир 33.
E-mail: Sdi6868@mail.ru Тел. (+992) 933700600.
10.03.2023с.

*Имзои  Сайдаҳмадзода Дилоромро тасдиқ мекунам:*
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҳамидов Ш.Б.